Лоиҳаи “Рушди иқтисодиети деҳот” ГРАНТ №D4980-TJ.

Мундариҷа

---

Саҳифа


| | |
|---|---|
| Гузориши роҳбарияти оид ба масъулият барои таҳия ва тасдиқи ҳисоботи молиявии лоиҳа барои давраи аз 15 январи соли 2020 то 31 декабри соли 2020 | 2 |
| Ҳисоботи аудиторони мустақил | 3-5 |
| Ҳисоботи молиявии лоиҳа барои давраи аз 15 январи 2020 то 31 декабри 2020 | |
| Ҳисобот дар бораи маблағҳои воридшуда ва маблағҳои харҷгардида | 6 |
| Ҳисобот дар бораи хароҷот аз рӯи қисматҳои Лоиҳа | 7 |
| Эзоҳҳо ба ҳисоботи молиявии лоиҳа | 8-14 |






ГУЗОРИШИ РОҲБАРИЯТ ОИД БА МАСЪУЛИЯТ ҶИҲАТИ ОМОДА ВА ТАСДИҚИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ЛОИҲА БАРОИ ДАВРАИ АЗ 15 ЯНВАРИ СОЛИ 2020 ТО 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020

Гузориши зерин, ки бояд дар якҷоягӣ бо тавсифи ӯҳдадориҳои аудиторони мустақил хонда шавад, барои муайян намудани ӯҳдадориҳои аудиторони мустақил ва роҳбарият нисбат ба ҳисоботи молиявии Лоиҳаи “Рушди иқтисодиёти деҳот” Гранти №D4980-TJ (минбаъд «Лоиҳа») омода шудааст.
Роҳбарияти лоиҳа бароии омодаи ҳисоботи молиявӣ масъул буда, дар ҳама ҷиҳатҳои моддӣ: ҳисобот оиди маблағҳои воридшуда, ҳисобот оиди мабғҳои харҷшуда ва ҳисобот оиди хароҷот аз рӯи қисматҳои Лоиҳа дар давраи аз 15 январи соли 2020 то 31 декабри соли 2020, мутобиқи Стандарти байналмилалии ҳисоботи муҳосибии бахши давлатӣ "Ҳисоботи молиявӣ дар асоси баҳисобгирии нақдӣ", ки аз ҷониби Шӯрои стандартҳои байналмилалии ҳисоботи муҳосибии Федератсияи байналмилалии муҳосибон ва "Дастурамалҳои барои таҳияи ҳисоботи солонаи молиявӣ ва аудити фаъолиятҳое аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ маблағгузоришшуда мешаванд" аз ҷониби Шӯрои Бахши идоракунии молиявии Бонки Ҷаҳонӣ (минбаъд - Дастурамалҳои Бонки Ҷаҳонӣ) нашр шудаанд.

Ҳангоми таҳияи ҳисоботи молиявӣ роҳбарияти Лоиҳа барои амалҳои зерин масъул аст
• Интихоби принсипҳои мувофиқи ҳисобдорӣ ва татбиқи пайвастаи онҳо:
• истифодаи баҳодиҳӣ ва ҳисобҳои оқилона;
• риояи принсипҳои Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи муҳосибии бахши давлатии Федератсияи байналмилалии муҳосибон ва Дастурамалҳои Бонки Ҷаҳонӣ бо назардошти ифшо ва тавзеҳи ҳама гуна инҳирофоти ҷиддӣ дар ҳисоботи молиявии лоиҳа; ва
• таҳияи ҳисоботи молиявии лоиҳа бо назардошти он, ки Лоиҳа тибқи мӯҳлати муқарраршуда иҷро мешавад.
Роҳбарият инчунин ӯҳдадориҳои зеринро дорад:
• таҳия, татбиқ ва нигоҳдории системаи самаранок, боэътимоди назорати дохилӣ ва муайян кардани хавфҳо дар системаи назорати дохилӣ:
• нигоҳдории системаи баҳисобгирие, ки барои дар ҳар вақт маълумоти пурра оид ба вазъи молиявии Лоиҳа бо дараҷаи кофии дақиқ имкон медиҳад ва таъмини мутобиқати ҳисоботи молиявии Лоиҳа ба талаботи Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи муҳосиби бахши давлатӣ Федератсияи байналмилалии муҳосибон ва Дастурамалҳои Бонки Ҷаҳонӣ;
• пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми баҳисобгирии Лоиҳа ва талаботи Бонки Ҷаҳонӣ;

• андешидани чораҳо дар доираи салоҳияти худ ҷиҳати таъмини бехатарии дороиҳои Лоиҳа; ва
• ошкор ва пешгирии қаллобӣ ва дигар амалҳои ҷиддӣ.

Ҳисоботи молиявии лоиҳа барои давраи аз 15 январи соли 2020 то 31 декабри соли 2020 аз ҷониби роҳбарияти Лоиҳа 21 июни соли 2021 тасдиқ карда шуд ва ба имзо расида шуд.

Роҳбарияти Лоиҳа:

| | |
|---|---|
| И.в. Директори Маркази Татбиқи Лоиҳа<br>Маҷиди Юсуф Хайрулло | Сармуҳосиб<br>Ғаффоров Бахтиёр |
| 21 июн 2021 с. | 21 июн 2021 с |
| ш. Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе,Ҷумҳурии Тоҷикистон |

ХИСОБОТИ АУДИТОРОНИ МУСТАКИЛ

Ба роҳбарияти Лоиҳаи “Рушди иқтисодиёти деҳот” дар назди Вазорати молия ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

Ҳисоботи молиявии лоиҳа

Мулоҳиза

Тибқи мулоҳизаҳои мо, ҳисоботи молиявии замимашудаи Лоиҳаи “Рушди Иқтисодиёти деҳот” (минбаъд – «Лоиҳа»), Гранти № D49B0-TJ-ро аз ҷониби ширкати мо тафтиш карда шуд, ки ҳисоботи маблағҳои воридшуда, маблағҳои харҷгардида ва ҳисобот оиди хароҷотҳо аз рӯи қисматҳои Лоиҳаро дар давраи аз 15 январи соли 2020 то 31 декабри соли 2020 ва инчунин ифшои сиёсати асосии баҳисобгирӣ ва дигар қайдҳоро дар бар мегирад ,минбаъд «Ҳисоботи молиявии лоиҳа»),

ба андешаи мо, Ҳисоботи молиявии замимагардидаи Лоиҳа тамоми ҷанбаҳои муҳими ҳисоботи маблағҳои воридшуда, маблағҳои харҷгардида ва ҳисобот оиди хароҷотҳо аз рӯи қисматҳои Лоиҳаро дар давраи аз 15 январи соли 2020 то 31 декабри соли 2020 инъикос менамояд ва мутобиқи Стандарти байналмилалии ҳисоботи муҳосибӣ барои бахши давлатӣ “Ҳисоботи молиявӣ дар асоси баҳисобгирии муҳосибӣ”, ки аз ҷониби Шӯрои байналмилалии стандартҳои ҳисоботи муҳосибии бахши давлатӣ нашр шудааст ва инчунин “Дастурамалҳои Шӯрои Бахши Молиявии Бонки Ҷаҳонӣ оиди ҳисоботи солонаи молиявӣ ва аудити фаъолиятҳои аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ маблағгузоришуда», (минбаъд «Дастурамалҳои Бонки Ҷаҳонӣ») тартиб дода шудааст.

Асоси мулоҳизаҳо

Аудит мувофиқи Стандартҳои Байналмилалии Аудит (СБА) гузаронида шудааст. Масъулиятҳои мо дар доираи ин стандартҳо дар қисмати “Масъулияти аудитор оид ба аудити ҳисоботи молиявии лоиҳа”-и ҳисобот тавсиф карда шудаанд. Мо мутобиқи Кодекси этикаи касбии муҳосибони Шӯро оид ба стандартҳои байналмилалии ахлоқи муҳосибон (минбаъд Кодекси КМСБАМ) ва талаботи ахлоқӣ оид ба аудити ҳисоботи молиявии лоиҳа амал мекунем, аз лоиҳа мустақил ҳастем ва дигар

ахлоқиро мувофиқи талаботҳои кодекси КМСБАМ иҷро намудем. Мо боварӣ дорем, ки далелҳои аудиторие, ки ба даст овардаем, ҷиҳати фароҳам овардани асоси мулоҳизаҳои мо кофӣ ва мувофиқанд.

Тавзеҳ

Мо таваҷҷуҳи шуморо ба Эзоҳи 2 ба ҳисоботи молиявии лоиҳа ҷалб менамоем, ки дар он асосҳои баҳисобгирии муҳосибӣ, ҳисоботи молиявии Лоиҳа, ки бо мақсади риояи Дастурамалҳои Бонки Ҷаҳонӣ ва инчунин талаботи Созишномаҳои молиявӣ ва грантӣ таҳия шудаанд.

Ҷанбаи дигар

Ҳисоботи молиявии лоиҳа бо мақсади мутобиқ шудан ба талаботи Бонки ҷаҳонӣ таҳия шудааст. Бинобар ин, ҳисоботи молиявии мазкур барои мақсадҳои дигар татбиқ шуда наметавонад.

Масъулияти роҳбарият ва шахсони масъул оид ба таҳияи ҳисоботи молиявии лоиҳа

Роҳбарият барои таҳияи ин ҳисоботи молиявии лоиҳа мутобиқи Стандарти байналмилалии ҳисоботи муҳосибии бахши давлатӣ масъул аст.

«Ҳисоботи молиявӣ дар асоси баҳисобгирии муҳосибӣ», ки аз ҷониби Шӯрои байналмилалии Стандартҳои ҳисоботи муҳосибии бахши давлатӣ дар Федератсияи байналмилалии муҳосибон (минбаъд – СҲМБФБМ) ва инчунин «Дастур оид ба тартиб додани ҳисоботи солонаи молиявӣ ва аудити фаъолиятҳои аз ҷониби Бонки Ҷаҳонӣ маблағгузоришуда», ки аз ҷониби Шӯрои Бахши идоракунии молиявии Бонки Ҷаҳонӣ (минбаъд – Дастурамали Бонки Ҷаҳонӣ) нашр шудааст ва барои таъсис додани системаи назорати дохилӣ, ки рохбарият барои тартиб додани хисоботи молиявии лоиха зарур мешуморад, ки дар он бо сабаби қаллобӣ ё дигар амалҳои чиддӣ надошта бошанд, масъул аст.

Масъулияти аудитор барои аудити ҳисоботи молиявии Лоиҳа

Ҳадафи мо ба даст овардани итминони оқилона нисбат ба озод будани ҳисоботи молиявии лоиҳа аз таҳрифҳои ҷиддӣ, новобаста аз мавҷуд будани қаллобӣ ё хатогӣ. Итминони оқилона дараҷаи баланди боварӣ мебошад, аммо кафолат намедиҳад, ки аудити мутобиқи Стандартҳои Байналмилалии Аудит гузаронидашуда ҳамеша хатогии ҷиддии мавҷударо ошкор менамояд. Маълумоти нодуруст метавонад аз қаллобӣ ё иштибоҳ ба вуҷуд ояд ва, агар онҳо ба таври инфиродӣ ё дар якҷоягӣ ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон дар асоси ин ҳисоботи молиявии лоиҳа таъсир расонанд, муҳим ҳисобида мешавад.

Дар давоми тамоми аудити мутобиқи СБА гузаронидашуда, мо доварӣ ва шубҳаи касбӣ дорем ва инчунин корҳои зеринро иҷро менамоем:

- Муайян ва арзёбии хатарҳои таҳрифи ҷиддии ҳисоботи молиявии Лоиҳа дар натиҷаи қаллобӣ ё хатогӣ;
- таҳия ва иҷрои расмиёти аудитӣ дар посух ба ин хатарҳо;
- Ба даст овардани далелҳои аудиторӣ, ки барои фароҳам овардани асоси мулоҳизаҳои мо кофӣ ва мувофиқ аст. Хавфи ошкор накардани таҳрифи ҷиддӣ дар натиҷаи қаллобӣ аз хавфи ошкор накардани таҳрифи ҷиддӣ дар натиҷаи иштибоҳ баландтар аст, зеро қаллобӣ метавонад созиш, сохтакорӣ, қасдан инъикос накардан ё пешниҳоди маълумоти нодуруст ё канорагирӣ аз назорати дохилиро дар бар гирад.
- Дарки системаи назорати дохилии марбут ба аудит бо мақсади таҳияи расмиёти аудит, ки тибқи шароит мувофиқанд, аммо на бо мақсади баёни андеша дар бораи самаранокии системаи назорати дохилии Лоиҳа;
- Арзёбии мувофиқати сиёсати баҳисобгирии истифодашуда ва асоснокии баҳодиҳии баҳисобгирии муҳосибӣ ва ифшои марбут ба роҳбарият;
- ташаккул додани хулоса дар бораи мувофиқ будани истифодаи фарзияи фаъолияти доимӣ аз ҷониби роҳбарият ҳамчун асоси баҳисобгирии муҳосибӣ ва дар асоси далелҳои аудиторӣ, ки ба даст оварда шудаанд, хулоса дар бораи мавҷудияти номуайянии ҷиддӣ дар робита бо ҳодисаҳо ё шароит, ки дар натиҷаи он метавонад шубҳаҳои ҷиддиро дар бораи қобилияти лоиҳа ҷиҳати идома додани фаъолияти онҳо вуҷуд дошта бошанд.Агар мо хулоса барорем, ки номуайянии ҷиддӣ вуҷуд дорад, мо бояд дар таҷрибаи аудити худ диққати худро ба ифшои дахлдори ҳисоботи молиявии лоиҳа ҷалб намоем ё агар чунин ифшоҳо нокифоя бошанд, фикри худро тағйир диҳем. Хулосаҳои мо ба далелҳои аудиторие, ки то санаи ҳисоботи аудитории мо ба даст оварда шудаанд, асос ёфтааст. Бо вуҷуди ин, рӯйдодҳо ё шароитҳои оянда метавонанд боиси аз даст додани қобилияти идомаи фаъолияти худ гардад;
- арзёбии пешниҳоди умумии ҳисоботи молиявии лоиҳа, сохтор ва мундариҷаи онҳо, аз ҷумла ифшоҳо ва арзёбии он, ки оё ҳисоботи молиявии лоиҳа амалиётҳо ва рӯйдодҳои асосиро тавре пешниҳод мекунад, ки ба пешниҳоди одилонаи онҳо ноил шавад.

Мо бо шахсони ваколатдори Роҳбарият муоширát намуда, аз ҷумла ба диққати онҳо маълумотро дар бораи ҳаҷм ва мӯҳлати ба нақша гирифташудаи аудит ва масъалаҳои муҳиме, ки таваҷҷӯҳи аудитро ҷалб кардаанд, аз ҷумла камбудиҳои ҷиддии системаи назорати дохилӣ, ки мо дар раванди тамоми аудит муайян намудем.

Инчунин ба шахсони масъул изҳор менамоем, ки мо тамоми талаботи ахлоқии марбут ба мустақилиятро риоя намудем ва ба онҳо ҳама муносибатҳо ва дигар масъалаҳоеро, ки метавонанд ба таври оқилона ба мустақилияти аудитор таъсир расонад ва ҳангоми зарурат, ҳама гуна чораҳои эҳтиётӣ, ки андешидаем, расонидем.

ҲИСОБОТИ МАБЛАГҲОИ ВОРИДШУДА ВА МАБЛАҒҲОИ ХАРҶШУДА ДАР ДАВРАИ АЗ 15 ЯНВАРИ СОЛИ 2020 ТО 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020

(бо доллари ИМА)

| | | Барои давраи аз 15 январ то 31 декабри соли 2020 | Кумулятивӣ |
|---|---|---|---|
| Бақия дар аввали давра | 4 | - | - |
| Маблағҳои воридшуда | | | |
| грант № D4980-TJ | 5 | 400,000 | 400,000 |
| Ҳаҷми умумии маблағҳои воридшуда | | 400,000 | 400,000 |
| Молҳо, корҳо, хидматрасонии ғайримашваратӣ, хидматрасонии машваратӣ, хароҷотҳои иловагии амалиётӣ ва омӯзиш дар ҷаҳорчубаи Лоиҳа | 6 | 149 243 | 149,243 |
| Хароҷоти умумии Лоиҳа | | 149,243 | 149,243 |
| Бақия дар охири давра | 4 | 250,757 | 250,757 |
| Маблағҳои умумии воридшуда | | | |

Роҳбарияти Лоиҳа

ҲИСОБОТ ДАР БОРАИ ХАРОЧОТҲО АЗ РӮИ ҚИСМАТҲОИ ЛОИҲА ДАР ДАВРАИ АЗ 15 ЯНВАРИ СОЛИ 2020 ТО 31 ДЕКАБРИ СОЛИ 2020

(бо доллари ИМА)

| | Барои давраи аз 15 январ то 31 декабри соли 2020 | Кумулятивӣ |
|---|---|---|
| Қисми 3. Рушди иқтидор ва рушди соҳибкорӣ барои бахшҳои сайёҳӣ, агробизнес ва бахшҳои марбут | 22,489 | 22,489 |
| Қисми 4. Ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи лоиҳа ва идоракунии барномаи грантӣ | 126,754 | 126,754 |
| | 149,243 | 149,243 |

1. МАЪЛУМОТИ УМУМӢ

Мутобиқи Созишномаи молиявӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд ("АБР") аз 15 январи соли 2020, Ассотсиатсияи байналмилалии рушд ба Ҷумҳурии Тоҷикистон Гранти D4980-TJ ба маблағи 21 700 000 ҳуқуқи махсуси қарз (минбаъд -«ҲМҚ»).

Грант барои татбиқи Лоиҳаи "Рушди иқтисодиёти деҳот" (минбаъд «Лоиҳа») дода шудааст.

- Ҳадаф ва вазифаҳои лоиҳа

  Мақсади Лоиҳа дар беҳтар гардонидани шароити зиндагии аҳолии маҳаллӣ дар ВМКБ ва Хатлон тариқи рушди сайёҳӣ ва агробизнес мебошад.

- Лоиҳа аз Қисматҳои зерин иборат аст:

  Қисми 1. Беҳтар гардонидани инфрасохтори ҷамъиятӣ, ҷиҳати рушди сайёҳӣ, агробизнес ва бахшҳои алоқаманд.

  1.1. Сармоягузориҳои давлатӣ ба мавзеъҳои таърихӣ ва фарҳангӣ-сайёҳӣ. Дастгирии барқарорсозӣ, ободонӣ, сабзгардонӣ ва беҳтар намудани мавзеъҳои алоҳидаи ВМКБ ва Хатлон, тариқи:

- Сармоягузорӣ ба қалъаи Ямчун, дар баробари ин, гузаронидани: (i) маъракаи ҳамаҷонибаи ташхисӣ, аз ҷумла, таҳияи асосноккунии техникию-иқтисодӣ, лоиҳаҳои техникии пешакӣ ва муфассал, муайян намудани ҳаҷми корҳо ва хусусиятҳои техникӣ, арзёбии ҳолати қалъа ва муайян намудани тамоми чораҳои зарурӣ ва чорабиниҳо; ва (ii) иҷрои тадбирҳо, марбут ба нигоҳ доштани мавзеъ, пешниҳод ва идораи он, чи хеле, ки дар рафти маъракаи ташхисӣ муайян гардидааст, гузаронидани корҳои барқарорсозӣ, аз ҷумла, оид ба мустаҳкамкунии сохти мавзеъ, вале бо ин маҳдуд нагардидани корҳо, нигоҳдории деворҳо ва манораҳо, нигоҳдории хусусиятҳои дорои аҳамияти хос, дар муайян намудани хосияти таърихии қалъа, барпо намудани роҳи пиёдагард ба қалъа ва дигар чораҳо, барои баланд бардоштани самаранокии пешкаши мавзеъ ба сайёҳон.
- Сармоягузорӣ ба се мавзеъ, дар вилояти Хатлон, аз ҷумла, қалъаи Ҳулбук, мадрасаи Ҳоҷа Машҳад ва Чилучорчашма, ҷиҳати рушди як силсила ёдгориҳои таърихӣ ва динӣ, тавассути, баробари дигар, иҷро намудани: (i) лоиҳакашии техникиии чорабиниҳое, ки дар чаҳорчӯбаи Қисми 1.1 (b) татбиқ мегарданд; (ii) корҳои барқарорсозӣ барои беҳтар намудани умумии манзараи атрофи мавзеъҳои зикршуда.

  1.2. Беҳтаргардонии инфрасохтори сайёҳӣ ва агробизнес, инчунин, рушди мавзеъҳои дидании маҳаллии туристӣ, тариқи пешниҳоди Субгрантҳо ба Баҳрабарандагони салоҳиятнок, ҷиҳати татбиқи Зерлоиҳаҳо, бо мақсади:

a. мусоидат ба рушди туризм, аз ҷумла, дар баробари дигар (i) барқарорсозии иншоотҳои маҳаллии фароғатӣ (масъалан, театрҳо, боғҳо ва осорхонаҳо), (ii) беҳтаргардонии хатсайрҳои пиёдагардӣ ва фарҳангӣ; ё худ (iii) ташкили ярмаркаҳои маҳаллӣ ва дигар чорабиниҳои фарҳангӣ.

b. беҳтаргардонии инфрасохтори бозорҳои давлатии кишоварзӣ, аз ҷумла: (i) барпо ё худ беҳтаргардонии майдонҳои савдо, (ii) барпо ё худ беҳтаргардонии шароитҳои санитарӣ, (iii) барпо ё худ беҳтар намудани шароити нигоҳдорӣ (дар ҳолати сард), (iv) таъмири биноҳо ё худ хариди таҷҳизот, барои озмоишгоҳҳои назорати бехатарии озуқаворӣ дар бозорҳо, вале бо ин маҳдуд нагардида ва (v) ҳама гуна дигар сармоягузориҳои давлатӣ, марбут ба бозорҳо, ки пештар аз ҷониби Гиранда муайян гардида бо Ассотсиатсия мувофиқа шуданд.

1.3. Сармоягузориҳои давлатӣ ба навиштаҷоту аломатҳои сайёҳӣ

Дастгирии тайёр, харидорӣ ва насби навиштаҷоту аломатҳои сайёҳӣ, қад - қади хатсайрҳои асосии сайёҳӣ, ҷиҳати ифодаи мавзеъҳои асосии сайёҳӣ, дар Хатлон ва ВМКБ, инчунин, навиштаҷоту аломатҳои роҳ, даромадгоҳӣ ва тавзеҳотӣ.

Қисми 2. Дастгирии ККХМ ва соҳибкороне, ки дар соҳаи сайёҳӣ, агробизнес ва бахшҳои алоқаманд машғул мебошанд.

Пешниҳоди грантҳои ҳиссавӣ (мутақобила) ба баҳрабарандагони салоҳиятнок, ҷиҳати татбиқи Зерлоиҳаҳо бо мақсади:

(a) дастгирӣ, дар таъмини нигоҳдорӣ ва коркарди маҳсулот баъди ҷамъи ҳосил, тариқи пешниҳоди мол ва хизматрасониҳо, дар баробари дигар барои: (i) таҷҳизоти хушккунанда ва борпечонӣ, (ii) сардхонаҳои нигаҳдорӣ; (iii) таҷҳизоти истеҳсоли молҳои хурди беҳамто борпечшудае, ки дар бозори маҳаллӣ фурӯхта ва ё аз ҷониби сайёҳон, ҳамчун тӯҳфа харидорӣ шуда метавонанд, ё худ (iv) иваз намудани равандҳои истеҳсолӣ, барои таъмини бехатарии озуқаворӣ ва сертификатсияи сифат;

(b) дастгирии фермерон ва коркардкунадагон дар сатҳи занҷираҳои арзишӣ тариқи бартараф намудани монеаҳо, барои талабот ва пешниҳод; инчунин

(c) беҳтаргардонии хизматрасонӣ ва пешниҳодҳои бо сайёҳӣ алоқаманд, ва баланд бардоштани сифати мол ва хизматрасониҳои онҳо ба сайёҳон, аз ҷумла рушд ва пешбурди хизматрасониҳо дар соҳаи агросайёҳӣ.

Қисми 3. Такмили иқтидор ва хизматрасониҳо оид ба рушди соҳибкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ, агробизнес ва бахшҳои алоқаманд.

3.1. Расонидани кумаки техникӣ ба муассисаҳои давлатӣ, таъминкунандаҳои хизматрасониҳо ва операторон дар соҳаи сайёҳӣ ва агробизнес тавассути, аз ҷумла: (i) афзоиши иқтидор, омӯзонидан ва машварат додан ба ҷонибҳои ҳавасманди дахлдори сатҳи институтсионалӣ, оид ба масъалаҳои рушди сайёҳӣ ва агробизнес; (ii) мусоидати рушди сайёҳӣ ва агробизнес, тариқи ташкил ва иштирок дар ярмаркаҳои савдо, сафарҳои шиносоӣ ё сайёҳатҳо (турҳо)-и омӯзишӣ (барои туроператорон ва корхонаҳои агросаноатӣ) ва гузаронидани чорабиниҳои ВАО ва маркетингӣ, аз ҷумла, таҳия ва паҳн намудани маводи электронӣ, чопӣ ва визуалӣ; (iii) омӯзиш барои мутахассисони боихтисос, кормандони соҳиби ихтисоси начандон баланд ва соҳибкорони дахлдор дар соҳаи туризм.

3.2 Пешниҳоди кумаки техникӣ, ҷиҳати дастгирии Баҳрабарандагони салоҳиятнок, бо роҳи ҷалби таъминкунандагони хизматрасониҳо (“воҳидҳои ёрирасон”) барои, аз ҷумла: (i) гузаронидани корҳои иттилоотӣ-фаҳмондадиҳӣ ва ташкили омӯзиши Баҳрабарандагони салоҳиятнок, бо таваҷҷӯҳи махсус ба гурӯҳҳои осебпазир; (ii) дастгирӣ, дар таҳия ва омода намудани пешниҳодҳо оид ба Субгрантҳо ва Грантҳои ҳиссавӣ; ва (iv) дастгирӣ, ҳангоми татбиқ ва ёрии минбаъда ба Баҳрабарандагони салоҳиятнок.

Қисми 4. Ҳамоҳангсозӣ ва татбиқи Лоиҳа, инчунин, Идора ва маъмурияти Барнома оид ба пешниҳоди грантҳо.

4.1 Дастгирии (i) амалигардонии чорабиниҳо, оид ба идораи Лоиҳа, аз ҷумла ҳамоҳангсозӣ дар маҷмӯъ ва назорати татбиқи Лоиҳа, аудитҳои Лоиҳа ва маблағгузории хароҷоти иловагии амалиётӣ, (ii) мониторинг ва арзёбӣ, ҷиҳати таъмини шаффофияти фаъолияти Лоиҳа, инчунин, барпо намудани тамоси мутақобила бо баҳрабарандагон, аз ҷумла МБШ.

4.2 Дастгирӣ, тариқи ҷалби Ширкат оид ба идоракунии грантҳо, ҷиҳати ташкил ва идораи чорабиниҳои амалиётӣ ва маъмурӣ вобаста бо Субгрантҳо ва Грантҳои ҳиссавӣ, аз ҷумла таҳияи дархостҳо барои пешниҳодҳо, рекламаи барномаҳои зикршуда, ҷамъи дархостҳо, гузаронидани арзёбии ибтидоӣ ва тайёр намудани онҳо, барои арзёбӣ, аз ҷониби Кумитаи Барнома, оид ба пешниҳоди грантҳо, ки дар доираи Лоиҳа таъсис дода мешавад, хабардор намудани баҳрабарандагон, дар бораи натиҷаҳо ва мониторинги раванди татбиқ.

Вазорати молия мақоми ваколатдор барои таҳия ва татбиқи Лоиҳа мебошад.

Мӯҳлати татбиқи Лоиҳа аз 15 январи соли 2020 то 30 декабри соли 2024 мебошад.

## 2. ПРИНСИПҲОИ ПЕШНИҲОДИ ҲИСОБОТИ МОЛИЯВИИ ЛОИҲА

### Асосҳои пешниҳоди ҳисобот

Ҳисоботи мазкур мутобиқи Стандарти байналмилалии ҳисоботи молиявӣ барои бахши давлатӣ “Ҳисоботи молиявӣ дар асоси баҳисобгирии муҳосибӣ”, ки аз ҷониби Шӯрои байналмилалии стандартҳои ҳисоботи молиявии бахши давлатӣ нашр шудааст ва инчунин “Дастурҳо” барои таҳияи солонаи ҳисоботи молиявӣ ва аудити фаъолиятҳое, ки аз ҷониби Бонки ҷаҳонӣ маблағгузорӣ мешаванд», аз ҷониби Раёсати Шӯрои Бахши Молиявии Бонки Ҷаҳонӣ (минбаъд «Дастурҳои Бонки Ҷаҳонӣ») тартиб дода шудааст.

Дар асоси баҳисобгирии хазинавӣ, даромад (ё харҷ) ҳангоми гирифтани (ё пардохтани) пули нақд, новобаста аз кай қабул ё пешниҳод шудани мол ё хизматрасонӣ эътироф карда мешавад.

Буҷети тасдиқшудаи Лоиҳа, ки аз рӯи категорияҳои хароҷот тақсим шудааст, маълумоти оммавӣ нест ва мувофиқан муқоисаи буҷет бо маблағҳои воқеӣ пешниҳод карда нашудааст.

Ҳисоботи молиявии лоиҳа аз инҳо иборат аст:

Ҳисобот дар бораи маблағҳои воридшуда ва маблағҳои харҷшуда

Ҳисобот дар бораи хароҷоти Лоиҳа аз рӯи қисматҳои он;

Эзоҳҳо ба ҳисоботи молиявии лоиҳа, аз ҷумла мухтасари сиёсати муҳими баҳисобгирӣ ва дигар ёддоштҳои тавзеҳотӣ.

Асъори ҳисоботи молиявии Лоиҳа доллари ИМА мебошад.

## 3. ТАВСИФИ МУҚАРРАРОТИ АСОСИИ СИЁСАТИ БАҲИСОБГИРӢ

Усули баҳисобгирии хазинавӣ

Ҳисоботи молиявии лоиҳа аз рӯи баҳисобгирии хазинавӣ тартиб дода шудааст. Баҳисобгирии хазинавӣ амалиётҳо ва рӯйдодҳоро танҳо дар натиҷаи пардохтҳо ё гирифтани пули нақд (аз ҷумла эквивалентҳои пули нақд) эътироф мекунад. Ҳисоботи молиявии лоиҳа, ки дар асоси баҳисобгирии хазинавӣ тартиб дода шудааст, дар бораи сарчашмаҳои маблағгузорӣ, мақсади истифодаи маблағҳо ва бақияи пули нақд дар санаи ҳисоботӣ маълумот медиҳад. Андозаи калидӣ дар ҳисоботи молиявии лоиҳа воситаҳои пулӣ ва ҳаракати онҳо мебошад.

Баҳисобгирии муомилот бо асъори хориҷӣ

Амалиёт бо асъори хориҷӣ дар ибтидо бо асъори функсионалӣ тибқи қурби расмии Бонки миллии Тоҷикистон («БМТ»), ки дар рӯзи анҷоми амалиёт амал мекунад, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Маблағҳои гирифташуда ба доллари ИМА аз рӯи қурби расмии Ҳуқуқи қарзи махсус (SDR) дар рӯзи гирифтани маблағ баргардонида мешаванд. Ҳама пардохтҳо бо асъори миллӣ ба доллари ИМА бо қурби расмии муайянкардаи БМТ дар рӯзи анҷоми амалиёт табдил дода мешаванд.4

Дороиҳо ва ӯҳдадориҳои пулии бо асъори хориҷӣ ифодаёфта аз рӯи қурби расмии БМТ ба асъори функсионалӣ баргардонида мешаванд.

Ҳама фарқиятҳои қурбӣ, ки аз баргардонидан ё баргардонидани моддаҳои пулӣ ба вуҷуд меоянд, дар ҳисобот дар бораи маблағҳои гирифташуда ва хароҷотҳо дохил карда мешаванд.

**Пули нақд ва муодилҳои пули нақд**

Маблағҳои нақдӣ ва муодили пули нақд пули нақд ва пасандозҳоро дар бар мегиранд, ки метавонанд дар муддати кӯтоҳ ба пули нақд табдил дода шаванд.

**Андозҳо**

Ҳисоб ва пардохти андозҳо аз даромади кормандони маҳаллӣ ва мушовирон, инчунин саҳмҳои суғуртавӣ ба фонди иҷтимоӣ тибқи талабот ва меъёрҳои муқаррарнамудаи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ва қонунгҳои дахлдори Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Хароҷоти лоиҳа**

Хароҷот дар даврае, ки воқеан пардохта мешавад, инъикос мегардад

**Манбаъҳои маблағгузорӣ**

Маблағгузорӣ ба Лоиҳа аз ҷониби АБР тавассути бунак дода мешавад

4. ВОСИТАҲОИ ПУЛӢ ВА МУОДИЛАҲОИ ОН

Воситаҳои пулӣ ва муодилаҳои он ба давраи то 31 декабри 2020с. ба таври зерин ба қайд гирифта шудааст:

| | Сарчашмаи маблағгузорӣ | Асъор | 31 декабр 2020 с. |
|---|---|---|---|
| Ҳисоби махсус | грант №D4980-TJ | Доллари ИМА | 250,439 |
| Ҳисоби транзитӣ | грант №D4980-TJ | Сомони | 263 |
| Пешпардохт ба кормандон | Грант № D4980-TJ | Доллари ИМА | 55 |
| | | | 250,757 |

5. МАБЛАҒҲОИ ВОРИДШУДА

Маблағҳои воридшуда а аз рӯи усулҳо ва аз манбаъҳои зерин таъмин карда шуданд:

| Усули маблағгузорӣ | Манбаҳои маблаҳгузорӣ | Барои давраи аз 15 январ то 31 декабри 2020с. | Ба таври кумулятивӣ |
|---|---|---|---|
| Бунак | грант № D49B0-TJ | 400,000 | 400,000 |
| | | 400,000 | 400,000 |

6. МАБЛАҒҲОИ ХАРҶШУДАИ ЛОИҲА

Хароҷоти Лоиҳа аз рӯи қисматҳои он дар ҳисобот дар бораи истифодаи маблағҳо аз рӯи қисматҳои Лоиҳа пешниҳод карда мешавад.

• Хароҷоти лоиҳа аз рӯи категорияҳои асосӣ дар ҳисобот оид ба маблағҳои гирифташуда ва хароҷоти Лоиҳа нишон дода мешавад. Хароҷоти Лоиҳа ба таври зерин пешниҳод карда мешавад:

| | | |
|---|---|---|
| Музди меҳнат ва андозҳои марбута | 45,231 | 45,231 |
| Маҳсулот | 44,667 | 441667 |
| Хизматҳо | 22,489 | 22,489 |
| Таҷҳизот | 18,185 | 18,185 |
| Нармафзори бухгалтерӣ | 12,553 | 12,553 |
| Хидматҳои алоқа ва таблиғ | 1,967 | 1,967 |
| Сузишворӣ ва кисмхои эхтиётӣ | 1,026 | 1,026 |
| Суғурта | 678 | 678 |
| Хароҷотҳои сафарҳои хизматӣ | 467 | 467 |
| Маводҳо ва канселярӣ | 272 | 272 |
| Хизматрасонии бонкӣ | 90 | 90 |
| Хароҷоти дигар | | |
| | 149, 243 | 149, 243 |

7. ВАЗЪИЯТИ МОЛИЯВӢ

Вазъияти молиявӣ ба санаи 31 декабри соли 2020 чунин пешниҳод карда мешавад:

| | 31 декабря 2020 г. |
|---|---|
| ДОРОИҲО ВА ХАРОҶОТҲО | |
| Воситаҳои пулӣ ва муодилаҳои он | 250,757 |
| Хароҷотҳои кумулятивии Лоиҳа | 149,243 |
| ҲАҶМИ УМУМИИ ДОРОИҲО ВА ХАРОҶОТҲО | 400,000 |
| МАБЛАҒГУЗОРӢ | |
| Маблағҳои воридшуда | 400,000 |
| ҲАҶМИ УМУМИИ МАБЛАҒГУЗОРӢ | 400,000 |

8. ДАРХОСТҲО

Дархостҳо барои давраи аз 15 январи 2020с. то 31 декабри 2020с. ба таври зерин пешниҳод карда шудаанд:

| Манбаъ | Дархост | Асъор | Сана | Бунак | Маблағгузории умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| грант № D04980-TJ | 1 | Доллар США | 23 сентября 2020 г. | 400 000 | 400,000 |
| | | | | 400,000 | 400,000 |

9. ХИСОБОТ ДАР БОРАИ СУРАТҲИСОБИ МАХСУСИ ДОДА ШУДА

Ҳисобот дар бораи суратҳисоби махсуси дода шуда барои давраи аз 15 январи соли 2020 то 31 декабри соли 2020 чунин пешниҳод карда мешавад:

| | |
|---|---|
| Суратҳисоби махсус | грант №D4780-TJ |
| Асъор | Доллари ИМА |
| Рақами суратҳисоби бонкӣ | 20206840400020100689 |
| Бонк | ҶСК “Бонки Эсхата” |
| Ҷойгиршавии бонк | Хуҷанд, Тоҷикистон |
| Бунакҳои дар давраи ҳисобот гирифташуда | 400,000 |
| Ҳаҷми умумии маблагхое, ки ба суратҳисоби махсус ворид шудаанд | |
| Интиқол ба ҳисоби транзитӣ | 36,910 |
| Хароҷоти пардохтшуда | 40 |
| Тавозун ба 31 декабри 2020с. | 250,439 |
| | 400,000 |

10. МАБЛАҒҲОИ ГИРИФТАНАШУДА

Маблағҳои гирифтанашуда то 31 декабри 2020с. Ба таври зерин пешниҳод карда шудаанд.

| | грант №D4780-TJ |
|---|---|
| | В СПЗ |
| Маблағи тасдиқшуда | 21,700,000 |
| Аз 15 январи соли 2020 ва 31 декабри соли 2020 дастрас карда шудааст. | 284,141 |
| Қисми гирифтанашуда | 21,415,859 |

11. ӮҲДАДОРИҲО АЗ РӮИ ШАРТНОМАҲО

Лоиха дар рафти фаъолияти чорий худ мувофики буҷети тасдиқшуда ва нақшаи харид бо таъминкунандагони кору хизматхо шартномахо мебандад. Ухдадорихо аз руи шартномахое, ки то 31 декабри соли 2020 эътибор доранд, ба таври зерин пешниход карда мешаванд:

| Таъминкунанда | № шартнома | арзиши шартнома (Доллари ИМА) | то 31 декабри 2020 с. Пардохт шуд (Доллари ИМА) | Остаток суммы к уплате (Доллари ИМА) |
|---|---|---|---|---|
| Village to village press LLC | | 22,353 | 3,353 | 19,000 |
| Adventure travel trade assocfation | | 23,529 | | 23,529 |
| Университет Центральной Азии | | 60,374 | | 60,374 |
| JV 0f ARS Progetti SPA | | 525,765 | | 525,765 |

12. МУРОФИЯҲОИ СУДӢ

Вобаста ба Лоиҳа мурофиаҳои судӣ вуҷуд надоштанд.

13. ХОДИСАХОИ БАЪДИ САНАИ ХИСОБОТ

Дар давоми соли 2021, то санаи нашри ин ҳисоботи молиявии лоиҳа, Бонки ҷаҳонӣ маблағгузории лоиҳаро ба таври зайл пешниҳод намуд:

| Манбаъ | Дархост | Асъор | Сана | Бунак | Маблағгузории умумӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| грант № D04980-TJ | 2 | Доллари ИМА | 19 мар. 2021 с. | 600,000 | 600,000 |